# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «______»_________2012 №________ ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарӣ

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои корагриро муҳокима намуда,

қарор мекунад:

1.Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарӣ тасдиқ карда шавад (Низомнома замима мегардад).

2.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Раҳимов гузошта шавад.

Раиси мушовара,
Вазир

Бо қарори мушовараи
Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___»____ 2012 № _____
тасдиқ карда шудааст

**Низомномаи**
**озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарӣ**

Низомномаи мазкур мақсад, вазифа ва мақоми озмуни ҷумҳуриявии касбу ихтисосҳои дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ омӯхташавандаро ифода намуда, низоми ташкил кардан, гузаронидан ва маблағгузории онҳоро муайян менамояд.

1.Қоидаҳои умумӣ

1.1.Озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, литсейҳои касбӣ) аз рӯйи ихтисосҳои омӯхташаванда гузаронида мешавад.

Ҳар сол номгӯйи ихтисосҳое, ки аз рӯи он озмун гузаронида мешавад, бо фармони Вазири маорифи Чумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ мегардад.

1.2.Мақсад ва вазифаҳои асосии гузаронидани озмун тарғиби донишҳои назариявӣ ва амалӣ, инкишофи шавқу завқи устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагон, тақвияти кӯшиши онҳо ба фаъолияти илмӣ - тадқиқотӣ, ташкилу беҳдошти курсҳои махсус, маҳфилҳои фаннӣ, ҷамъиятҳои илмии усто + шогирд, инкишофи майлу хоҳиши онҳо ба корҳои эҷодӣ, тарғиби интихоби касб, фароҳам овардани шароити муносиб барои дарёфти хонандагони лаёқатманд ва инкишоф додани нерӯи ақлӣ, ҳамкорӣ, ташкили алоқаи дутарафаи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо кордиҳандагон (корхонаҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ) мебошад.

1.3.Озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарӣ дар ду давр гузаронида мешавад ва дар озмун устои таълими истеҳсолӣ ва хонанда дар як даста (усто + шогирд) иштирок мекунанд.

**Даври якуми озмун минтақавӣ буда, моҳи апрел дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва вилоятҳои Суғду Хатлон** гузаронида мешавад. Дар ин давр устои таълими истеҳсолӣ ва хонандаи беҳтарини муассисаи таълимӣ иштирок менамоянд. Ғолибоне, ки дар даври минтақавӣ ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол менамоянд, ҳуқуқи дар даври дуюми озмун иштирок карданро соҳиб мегарданд.

**Даври дуюми озмун ҷумҳуриявӣ буда,** моҳи сентябр гузаронида мешавад. Дар ин давр ғолибони озмуни вилоятӣ, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок менамоянд.

1.4.Вақти гузаронидани даври минтақавии озмун, давомнокӣ ва ҷойи гузаронидани онро дар вилоятҳои Суғду Хатлон мақомоти салоҳиятноки соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии вилоятҳои Суғду Хатлон, дар шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

1.5.Вақти гузаронидани даври ҷумҳуриявии озмун, давомнокӣ ва ҷойи гузаронидани онро Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони худ муайян менамояд.

1.6.Озмун аз рӯи шартҳои махсус дар доираи талаботи барномаҳои таълимӣ гузаронида мешавад. Масъулият ва назорати ташкилу гузаронидани даврҳои якум ва дуюми озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбу ихтисосҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, литсейҳои касбӣ) ба зиммаи кумитаҳои тадорукотии мақомоти салоҳиятноки соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии вилоятҳо ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

1.7.Дар назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон кумитаи тадорукотии ҷумҳуриявӣ таъсис дода, ҳайати он бо фармони Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Чунин кумитаҳои тадорукотӣ дар мақомоти салоҳиятноки соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбии вилоятҳои Суғду Хатлон ҳам таъсис дода мешаванд. Ба ҳайати кумитаи тадорукотӣ коркунони масъули Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои маорифи вилоятҳои Суғд ва Хатлон, намояндагони корхонаҳои базавӣ, итифоқи касабаи коркунони соҳаи маориф, намояндагони вазоратҳои дахлдор дохил мешаванд. Ба ҳайати доварон мутахассисон аз ҳисоби кордиҳандагон, устодони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ шомил шуда метавонанд.

1.8.Кумитаи тадорукотии ҷумҳуриявӣ баъди ба анҷом расидани даври дуюми озмун дар давоми 10 (даҳ) рӯз натиҷаи онро ҷамъбаст карда, муҳокима менамояд ва ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ва ҳисоботи хаттӣ пешниҳод мекунад. (намунаи дархост ва ҳисобот замима мешавад).

Роҳбарони мақомоти салоҳиятноки соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва Раёсати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба анҷоми даври якуми озмуни касбии хонандагон ҳисобот медиҳанд.

## 2. Довталабони озмун

2.1.Дар ҳар ду давр устои таълими истеҳсолӣ новобаста аз собиқаи корӣ ва хонанда новобаста аз соли таҳсил иштирок карда метавонанд.

2.2.Кумитаи тадорукоти давраи якум ба кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба иштироки устои таълими истеҳсолӣ ва хонандагоне, ки дар давраи якум сазовори гирифтани ҷойҳои якум ва дуюм гардидаанд, дархост мефиристанд.

Хароҷоти молиявии сафари хизматии иштирокчиёни озмун ба зиммаи муассисаи таълимӣ гузошта мешавад.

2.3.Дар даври дуюми озмуни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагон, ғолибони даври якум, ки ҷойҳои якум ва дуюмро ишғол менамоянд, ҳуқуқи иштирок кардан доранд.

2.4.Кумитаи тадорукотии даври якуми озмун ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хаттӣ ирсол менамояд. Ба ҳисобот дархости кумитаи тадорукотӣ замима мегардад. Дар ҳолати пешниҳод накардани дархосту ҳисоботҳои кумитаи тадорукотӣ ғолибон дар даври дуюми озмун иштирок карда наметавонанд.

3.Роҳбарӣ ва таъмини методии озмун

3.1.Роҳбарии умумиро дар давраи дуюми озмун кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

3.2.Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин вазифаҳоро ба ӯҳда дорад:

-ҳайати комиссияи методӣ ва ҳайати доваронро барои ҳар як ихтисос тасдиқ менамояд;

-шаклу тартиби гузаронидани даврҳои озмунро бо ҳам мутобиқ намуда, ҷараёни фаъолияташонро назорат мекунад;

-шарту шароитҳои озмун, супоришҳои амалию озмоиширо, ки комиссияи методӣ омода намудааст, муҳокима ва тасдиқ мекунад;

-роҳбарии бевоситаи омодагӣ гирифтан ва гузаронидани даври дуюмро таъмин намуда, ба мутассадиёни онҳо ёрӣ мерасонад ва назорат мекунад;

-фаъолияти ҳайати комиссияи методӣ ва ҳайати доваронро роҳбарӣ ва назорат мекунад. Ҳангоми зарурат дар ҳайати онҳо тағйирот ворид менамояд;

-коргузориро ташкил карда, хулосаҳоро бо қабули қарорҳо расмӣ мегардонад;

-натиҷаи озмунро меомӯзад, таҳлил мекунад ва ҷамъбаст менамояд. Ҷамъбасти кори озмунро барои баррасӣ ба маҷлиси назоратии назди Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

3.3.Комиссияи методӣ ҳаллу фасли чунин масъалаҳоро ба ӯҳда дорад:

-шартҳои озмун, шаклҳои мусобиқаро муайян менамояд;

-супоришҳои назариявӣ, амалӣ-озмоиширо барои давраҳои якум ва дуюм тайёр менамояд;

-супоришоти назариявӣ, амалӣ-озмоишӣ бояд мутобиқи меъёр ва талаботи барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, литсейҳои касбӣ) аз рӯи равияҳо бошанд.

Фаъолияти комиссияи методиро раис ва муовини он роҳбарӣ ва назорат менамояд.

3.4.Ҳайати доварон чунин корҳоро анҷом медиҳанд:

-шарҳу фаҳмондадиҳии тартиби иҷрои корҳои назариявӣ, корҳои амалӣ–озмоишии иштирокчиёни озмун;

-санҷиши корҳои назариявӣ, амалӣ–озмоишӣ (бо рамз-шифр), гузаронидани санҷишҳои шифоҳӣ, баҳо додан ба натиҷаи кори довталабон;

-мураттаб намудани андоза, меъёри баҳо (холҳо) ба маҳорати касбии устои таълими истеҳсолӣ, сатҳи дониш ва касбомӯзии хонандагон;

-ҳангоми зарурат, қонеъ гардондани арзу шикоятҳои иштирокчиёни озмун бо иштироки намояндаи кумитаи тадорукот (аппелатсия);

-таҳияи қарори ҳайати доварон, муайян намудани ғолибон;

-пешниҳоди ҳисоботи хаттӣ бо таҳлили маҳорати касбии устои таълими истеҳсолӣ ва сатҳи дониши хонандагон оид ба ҳазми фаслҳои барномаҳои таълимӣ ва анҷоми озмуни «Дастони моҳир» (усто+шогирд);

таъмини роҳбарию назорати фаъолияти доварон аз тарафи раиси ҳайати доварон, муовинони онҳо сурат мегирад.

4.Таъминоти молиявии озмун

4.1.Хароҷоти давраи якуми озмун (харидорӣ намудани маводи барои гузаронидани озмун сарфшаванда) аз ҳисоби даромадҳои махсуси муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ амалӣ мегардад.

4.2.Хароҷоти сафари хизматии иштирокчиёни озмун (роҳкиро, ҷойи хоб, хӯрока) аз ҳисоби даромадҳои худии муассисаҳои таълимӣ, бо истифода аз муассисаҳои сарпарасту саҳҳомӣ, фирмаю ширкатҳо, ташкилотҳои хориҷӣ ё шахсони алоҳида маблағгузорӣ карда мешавад.

4.3.Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории даври дуюмро таъмин менамояд, ки ба он харҷи тайёрӣ, гузаронидан, расонидани хизмати маданӣ, маишӣ, харҷи нашрияҳо, харидани тӯҳфаҳо, тайёр намудани таърифномаҳо, ифтихорномаҳо, тавсияҳо дохил мешаванд.

4.4.Харҷи тайёр кардани маводҳо барои даври дуюми озмун, сарфи маблағи сафари хизматии ҳайати кумитаи тадорукоти минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳаққи меҳнати ҳайати комиссияҳои методӣ ва ҳайати доварон аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

4.5.Натиҷаҳои ҳар як даври озмун ҷамъбаст карда мешавад.

4.6.Ғолибони озмун бо назардошти хулосаю қарорҳои ҳайати доварон муайян ва қадр карда мешаванд.

4.7.Ғолибони озмун бо ифтихорномаҳо, таърифномаҳо, тӯҳфаю инъомҳо сарфароз карда шуда, аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд карда мешаванд. Дараҷаи тахассусии устоҳои таълими истеҳсолие, ки дар даври ҷумҳуриявии озмун ҷойҳои ифтихориро ишғол намуданд, баланд бардошта мешавад.

4.8.Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявӣ, вобаста ба анҷоми озмун роҳбарони муассисаҳои таълимиро, ки устои таълими истеҳсолӣ ва шогирдонашон маҳорати хуби касбӣ ва дониши баланд нишон додаанд, аъзоёни кумитаи тадорукот,

комиссияи методӣ, ҳайати доваронро, ки дар ташкилу гузаронидани озмун саҳми арзанда гузоштаанд, қадр менамояд.

4.8.Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи озмунро мавзӯи муҳокимаи маҷлиси назоратии назди Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода, қарори алоҳида ва фармони махсус қабул менамояд.

**Ҳисоботи**
**кумитаи тадорукот дар бораи анҷоми озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарии дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, литсейҳои касбӣ) омӯхташавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Озмуни касбии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагон аз руӣ касбҳои ___________________________ (соли таҳсили 20___/20___) ба охир расид. Дар даври якуми озмун _______ нафар устои таълими истеҳсолӣ ва ______ нафар хонанда аз муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ иштирок карданд, ки аз он _______нафар занҳо (духтарон) буданд.

Дар даври якуми озмун _______ нафар устои таълими истеҳсолӣ ва ______ нафар хонанда ҷойи якум, _______ нафар устои таълими истеҳсолӣ ва ______ нафар хонанда ҷойи дуюм ва _______ нафар устои таълими истеҳсолӣ ва ______ нафар хонанда ҷойи сеюмро ишғол намуданд.

Ҷадвали иштирокчиён ва ғолибони даври якуми озмун:

| № | Ном ва насаби иштирокчиёни озмун усто + шогирд | Номи муассисаи таълимӣ | Ғолиб дониста шуд: | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҷойи якум | ҷойи дуюм | ҷойи сеюм |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |
| 6. | | | | | |
| 7. | | | | | |
| 8. | | | | | |

Дар даври дуюми озмун __________ нафар довталаб, ғолибони (дорандаи ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм)-и даври якуми озмун, иштирок кард, ки аз он _______ нафар занҳо (духтарон) буданд.

Ҷадвали иштирокчиён ва ғолибони даври дуюми озмун:

| № | Ном ва насаби иштирокчиёни озмун усто + шогирд | Номи муассисаи таълимӣ | Ғолиб дониста шуд: | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҷойи якум | ҷойи дуюм | ҷойи сеюм |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |
| 6. | | | | | |
| 7. | | | | | |
| 8. | | | | | |

Илова ба рақамҳои дар ҳисобот зикр гардида роҷеъ ба масъалаҳои зайл маълумоти пурратар додан зарур аст: ташкилу гузаронидани озмун, таҳлили фаъолияти кумитаи тадорукот, дархостҳою мулоҳизаи устодон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ он касоне, ки дар гузаронидани озмунҳо саҳм доштанд, рафти иҷрои асноди меъёрии мақомоти салоҳиятноки таҳсилоти ибтидоии касбӣ, низомномаи озмуни хонандагон, масъалаҳои ташкилӣ-педагогӣ, таълимӣ, молиявӣ, методӣ, интихобӣ, супоришҳои назариявӣ ва амалию озмоишӣ, саволномаҳо, масъалаҳои равшаннамоӣ-маърифатӣ бо устодону хонандагон ва ғайра.

Ному насаби устодони беҳтарин, ҷои кор ва ихтисоси онҳоро, ки дар ташкилу гузаронидани озмун саҳми фаъол доштанд, равшану пурра бояд зикр кард.

Сардори (раиси) кумитаи тадорукоти
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ____________________
Кумитаи тадорукоти ҷумҳуриявии озмуни
хонандагон муассисаҳои таҳсилоти
ибтидоии касбӣ__________________________________________

Дархост

Даври якуми озмуни ҷумҳуриявии «Дастони моҳир» дар байни устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз рӯйи касбҳои коргарии маъмули дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ (омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, литсейҳои касбӣ, марказҳои касбомӯзӣ) омӯхташавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба охир расид.

Хоҳиш мекунем ба устоҳои таълими истеҳсолӣ ва хонандагоне, ки ба гирифтани ҷойҳои якум ва дуюм ноил гардидаанд, барои иштирок намудан дар даври дуюми озмун иҷозат диҳед.

Ҷадвали ғолибони озмуни даври якум аз рӯйи ихтисоси ______________________________соли хониши 20____/20____

| № | Ном ва насаби иштирокчиёни озмун усто + шогирд | Номи муассисаи таълимӣ | Ғолиб дониста шуд: | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | ҷойи якум | ҷойи дуюм | ҷойи сеюм |
| 1. | | | | | |
| | | | | | |
| 2. | | | | | |
| | | | | | |
| 3. | | | | | |
| | | | | | |
| 4. | | | | | |
| | | | | | |
| 5. | | | | | |
| | | | | | |
| 6. | | | | | |
| | | | | | |
| 7. | | | | | |
| | | | | | |
| 8. | | | | | |

Ҳисоботи кумитаи тадорукот роҷеъ ба анҷоми озмуни касбии хонандагон замима мегардад.

Сардор (раис)-и кумитаи тадорукотии
муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ______________________